Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 133 (4553) | ДУШАНБЕ, 31 ОКТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад






## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҶАЛАСАИ ҒАЙРИНАВБАТИИ ШӮРОИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪИИ СААД

**28-уми октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД), ки аз тариқи фосилавӣ баргузор гардид, иштирок карданд.**

Дар кори иҷлосия, Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон Никол Пашинян, Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ва Дабири кулли Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ Станислав Зас низ иштирок намуданд.

Сарони кишварҳои аъзои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ гузориши Дабири кулли СААД-ро дар бораи натиҷаи кори ҳайати Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар Ҷумҳурии Арманистон аз 15 то 24 сентябри соли 2022 шуниданд.

Дар рафти ҷаласа аҳамияти таҳкими тадбирҳои сиёсӣ ва дипломатӣ барои ба эътидол овардани вазъ ва беҳбуди вазъият дар минтақаи амнияти дастаҷамъӣ дар Қафқоз, аз ҷумла дар асоси изҳороти сеҷонибаи сарони давлатҳои Россия, Арманистон ва Озарбойҷон, таъкид шуд.

Зимни суханронӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон азми Тоҷикистонро барои идомаи риояи уҳдадориҳои шарикӣ дар доираи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ бори дигар таъкид карда, зарурати андешидани тадбирҳои муассирро дар доираи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ барои рушди минбаъдаи низоми вокуниш ба буҳрон зикр намуданд.

Аз рӯи натиҷаҳои ҷаласа сарони давлатҳо ба Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ дастур доданд, ки кор дар самти татбиқи тадбирҳои мусоидат ба Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ҷиҳати ба эътидол овардани вазъ дар марзи Арманистону Озарбойҷонро идома диҳад.

## ВОХӮРИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ҲАНС ҲЕНРИ КЛЮГЕ



**31-уми октябри соли 2022 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мудири Дафтари минтақавии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (WHO) барои Аврупо Ҳанс Ҳенри Клюгеро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, оид ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ, солимии аҳолӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон табодули андеша сурат гирифт.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таҳкими ҳамкории дуҷониба изҳори қаноатмандӣ карда, вохӯрии имрӯзаро фурсати муносиб барои идомаи муколамаи созанда арзёбӣ намуданд.

Ба роҳбарияти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ ҳамчун шарики устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешгирии беморӣи сироятии COVID-19 ва рафъи оқибатҳои он, бахусус кумакҳои он ниҳод ҷиҳати таъмини Тоҷикистон бо ваксинаҳои зидди ин беморӣи сироятӣ, тариқи барномаи «КОВАКС», изҳори сипос карда шуд.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо масоили ҳамкорӣ дар самти таҳия ва татбиқи «Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи рушди муассисаҳои давлатии табобатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2025»-ро, ки барои рушди соҳаи тандурустӣ, дастрасии бештар ба хизматрасониҳои тандурустӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим, таъмини таҷҳизоти муосири тиббӣ ва ғайра равона гардидааст, баррасӣ карданд.

Таъкид гардид, ки Ҳукумати Тоҷикистон барои фароҳамсозии инфрасохтори мусоиди соҳаи тандурустӣ ва беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифат минбаъд низ татбиқи иқдомҳои заруриро идома хоҳад дод. Ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои мубрами ҳамкории дуҷониба гуфтугӯ сурат гирифт.

Пас аз анҷоми мулоқот мудири Дафтари минтақавии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро барои саҳми арзанда дар рушди соҳаи тандурустӣ, таъмини солимии ҷомеа ва талошҳои созанда ҷиҳати густариши робитаҳои Тоҷикистону Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, бо ҷоизаи СУС сарфароз гардонданд.

**www.president.tj**

## НОМАҲОИ ҲАМДАРДӢ



**30-юми октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Корея Юн Сок Ёл номаи ҳамдардӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Хабари фоҷиабори ҷон бохтан ва осеб дидани шумораи зиёди мардум бар асари сар задани издиҳоми шадид дар яке аз хиёбонҳои марказии шаҳри Сеул боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Дар робита ба ин мусибати гарон ба Шумо, мардуми дӯсти Ҷумҳурии Корея ва пайвандону наздикони фавтидагон, таъзияву тасаллияти самимии ин ҷонибро иброз менамоям ва ба ҳамаи осебдидагон шифои комил хоҳонам».



**31-уми октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон муҳтарам Драупади Мурму номаи ҳамдардӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Хонуми Олиҷоҳ!**

Хабари фоҷиаи ба ҳалокат расидан ва ҷароҳат бардоштани шумораи зиёди шаҳрвандон бар асари фурӯравии пул дар иёлати Гудҷарати Ҷумҳурии Ҳиндустон боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Дар робита ба ин ҳамдардиву таъзияи самимии хешро ба Шумо ва пайвандону наздикони фавтидагон изҳор намуда, ба ҳамаи осебдидагон шифои комил мехоҳам».

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**31-уми октябри соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар оғоз масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», «Дар хусуси Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди кувайтии рушди иқтисодии Араб барои маблағгузории омодасозии асоснокунии техникиву иқтисодии лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди Тугарак - Саричашма - Шӯрообод ва Чашмасор - Лангар», «Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Маблағгузории иловагии барномаи солимгардонии молиявии корхонаи энергетикӣ) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд», «Оид ба Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда» мавриди таҳлил қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод, оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода, оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағозода, оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Амонулло Хайрулло, оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода барои баррасӣ ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Сипас масъалаҳо «Оид ба баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», «Дар бораи баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» ва «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба мубодила ва ҳифзи мутақобилаи иттилооти махфӣ» барои пешниҳоди хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои дахлдор ирсол шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, «Дар бораи сафари Раҷабзода Р. М. ва Қурбонзода М. Р. ба шаҳри Санкт - Петербург», «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» дар алоҳидагӣ қарор қабул кард.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**«Садои мардум»**

## ГУФТУГӮИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО ҲАНС ҲЕНРИ КЛЮГЕ

**31-уми октябри соли 2022 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо мудири Дафтари минтақавии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (WHO) барои Аврупо Ҳанс Ҳенри Клюге вохӯрда, доир ба ҳамкории парлумони Тоҷикистон бо созмони зикршуда суҳбат оростанд.**

Зикр гардид, ки Тоҷикистон аз соли 1992 узви Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ буда, таи ин солҳо дар доираи созмон ҳамкории судманд дошт.

Маҳмадтоир Зокирзода гуфт: «Замони муосир талаб мекунад, ки афзалиятҳои шарикии амалиро барои дарозмуддат аз нав дида бароем. Ҳамкории ҳар ду тараф бояд ба талаботи ҳозира пурра ҷавоб диҳад. Кишвари мо дар иҷрои уҳдадориҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, татбиқи принсипҳо дар сатҳи қонунгузории миллӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст».

- Дар ин замина мо саъю кӯшиши созмонҳо, бахусус Созмони умумиҷаҳонии тандурустиро барои расонидани кумаки фаврӣ ва дарозмуддат дар мубориза бо оқибатҳои башардӯстона ва иҷтимоию иқтисодии беморӣи сироятии COVID-19, қадр мекунем. Аз ин рӯ, андешидани тадбирҳои муштарак ҷиҳати пешгирии паҳншавии минбаъдаи ин беморӣ ва барқарорсозии рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ аз ҳарвақта муҳимтар аст, - афзуд Раиси Маҷлиси намояндагон Маҳмадтоир Зокирзода.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**




**28-уми октябри соли 2022 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар доираи чорабиниҳои Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Самарқанд дар кори Ҷаласаи пленарии 54-уми Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок ва суханронӣ намуд.**

# ИШТИРОКИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА ДАР ҶАЛАСАИ ПЛЕНАРИИ 54-УМИ АБ ИДМ

Нахуст Раиси Ассамблеяи байнипарлумонӣ Валентина Матвиенко дар маросими тантанавӣ ба як қатор вакилон ва намояндагони парлумонҳои кишварҳои аъзои Ассамблеяи байнипарлумонӣ ифтихорнома ва медалҳои рамзии ин мақоми олиро тақдим намуд. Сипас, ҷаласаи пленарии 54-уми АБ ИДМ, бо фарогирии 31 масъала, оғоз гардид.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода зимни баромад иброз дошт, ки мо ҳуҷҷатҳои муҳимро қабул кардем, ки бо истифода гардидани онҳо заминаи қонунгузории санадҳои меъёрии ҳуқуқиамонро боз ҳам мустаҳкамтар ва ба ҳам наздик мегардонанд.

- Дар робита ба ин, чанде пеш дар пойтахти кишвари мо Конфронси байналмилалии «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон» баргузор гардид, - ёдовар шуд Маҳмадтоир Зокирзода ва афзуд: «Зимни он масъалаҳои амният, идораи сарҳад ва муқовимати муассир бо ифротгароиву терроризм, бахусус ҷилавгирӣ аз ҳаракати террористон тавассути сарҳад, ҳамаҷониба баррасӣ гардида, аз рӯи натиҷаҳои он қарорҳои мушаххас қабул гардиданд.

Чаро ин масъаларо ба миён гузоштам, ҳамаи мо медонем ва эҳсос мекунем, ки солҳои охир доираи таҳдиду хатарҳои терроризму ифротгароӣ торафт васеъ шуда, ин падидаҳои номатлуб оқибатҳои ногуворро ба бор овarданд ва фаъолияти ташкилоту гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ҳар чӣ бештар хусусияти фаромарзӣ ва фаромиллӣ касб мекунанд. Ҷомеаи байналмилалӣ ба воситаҳое ниёз дорад, ки муҳити имрӯзаи зуд вайроншавандаро ислоҳ кунанд. Механизмҳое, ки даҳсолаҳо пеш роҳандозӣ шуда буданд, ҳоло дар мубориза бо мушкилоти бавуҷудомада душворӣ мекашанд.

Барои рафъи мушкилтарин чолишҳо ҷаҳон ба муносибатҳои қавитари бисёрҷониба ниёз дорад ва асноду тавсияҳои қабулкардаи мо, ки аллакай мавриди баррасии коршиносон қарор гирифтаанд, намунаи ин буда, барои таҳкими муштараки амнияти миллии мо хеле заруранд. Ин на танҳо барои имрӯзи мо, балки барои насли ояндаи мо низ муҳим ва зарур аст».

Маҳмадтоир Зокирзода зикр кард, ки Тоҷикистон ҷонибдори ҳамкории мутақобилан судманд бо кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баҳри рушди устувори муштарак дар ҳама соҳа мебошад ва умед ҳаст, ки натиҷаҳои ин мулоқот омили дигари самарабахши таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд гардад.

Ҳамон рӯз кори ҷаласа ба анҷом расида, аз натиҷаи он барои хабарнигорони дохилию хориҷӣ конфронси матбуотӣ доир гардид.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**







# МУЛОҚОТҲОИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА ДАР ҲОШИЯИ ЧОРАБИНИҲОИ АБ ИДМ

**28-уми октябри соли 2022 дар доираи сафари расмӣ ба шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷиҳати иштирок дар чорабиниҳои Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Раиси Сенати Олий Мажлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Нарбаева мулоқот намуда, масъалаҳои таҳкими робитаҳои байнипарлумониро мавриди баррасӣ қарор доданд. Маҳмадтоир Зокирзода, аз ҷумла, гуфт, ки итминон дорем дар муддати кӯтоҳ муносибатҳои байнипарлумонии Тоҷикистону Ӯзбекистонро ба сатҳи сифатан нав барорем.**

- Муносибатҳои байнипарлумонӣ, тавре маълум, барои рушди муносибатҳо дар ҳама соҳа, аз ҷумла барои таҳкими робитаҳои иқтисодӣ ва таҳкими шарикии стратегӣ, аҳамияти бузург доранд, - зикр кард номбурда.

Ҷонибҳо, ҳамчунин, доираи васеи масъалаҳои густариши ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, муколамаи сиёсӣ, робитаҳои густурдаи байнипарлумониро миёни ҳар ду кишвар мавриди баррасӣ қарор доданд.

**28-уми октябри соли 2022, ҳамчунин, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Раиси Сенати парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон Маулен Ашимбаев мулоқот намуда, ҳамкории байнипарлумониро мавриди баррасӣ қарор доданд.**

Зикр гардид, ки байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сенати парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон дар заминаи дуҷониба ва дар формати бисёрҷониба муносибатҳои самимии дӯстона инкишоф ёфта, ҳар ду кишвар дар доираи АБ ИДМ ва Ассамблеяи парлумонии СААД ҳамкории судманд доранд.

- Итминони комил дорам, ки шарикии Тоҷикистону Қазоқистон минбаъд низ ба нафъи ҳар ду давлат рушд хоҳад кард, - гуфт Маҳмадтоир Зокирзода.

Раиси Сенати парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон Маулен Ашимбаев низ иброз дошт, ки ҷонибдори густариши ҳар чӣ бештари ҳамкории байнипарлумонӣ миёни кишварҳо мебошад ва илова намуд, ки яке аз ҳадафҳои асосии вохӯрии роҳбарони парлумонҳои Тоҷикистону Қазоқистон баррасии масъалаи тақвияти ҳамкорӣ дар ҳама замина ба шумор меравад.

Ҷонибҳо изҳори умед намуданд, ки муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳама соҳа густариш ёфта, маҷрои навро касб мекунад.

**28-уми октябри соли 2022 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Раиси палатаи қонунгузори Олий Мажлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Нуридин Исмоилов низ ҳамсуҳбат шуд.**

Зимни мулоқот Маҳмадтоир Зокирзода иброз намуд, ки омили муҳими робитаҳои дуҷонибаи парлумонӣ сафарҳои ҳайатҳои парлумонӣ ба шумор рафта, бояд ҳар чӣ бештар тақвият ёбанд.

Зикр гардид, ки дар муддати кӯтоҳ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар палатаи қонунгузори Олий Мажлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳама созишномаҳои имзокардаи сарварони ҳар ду кишвар тасвиб шудаанд. «Ман фикр мекунам, ки ин намунаи хуб аз кори созанда, пӯё ва ҳамоҳанги мо мебошад», - иброз намуд Маҳмадтоир Зокирзода.

Ҷонибҳо таъкид намуданд, ки ҷараёни инкишофи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва гуманитарии байни Тоҷикистону Ӯзбекистон, бо назардошти манфиатҳои мутақобилан муфид, ба роҳ монда шуда, мустаҳкам мегарданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# САНОАТ СОҲАИ КАЛИДИИ ИҚТИСОДИ КИШВАР АСТ, ВАЛЕ...

**27-уми октябри соли 2022 дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон – роҳи асосии таъмини рушди устувор» баргузор гардид. Дар ҳамоиш намояндагони вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ, олимону коршиносони ватанӣ ва журналистон ширкат варзиданд.**

Конференсияро бо сухани муқаддимавӣ директори марказ Хайриддин Усмонзода ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки саноатикунонии босуръати мамлакат омили муҳими ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ буда, дар маҷмӯъ, гузаштан аз кишвари аграрӣ – саноатӣ ба кишвари саноатӣ – аграрӣ мебошад. Соҳаи мазкур тавлидкунандаи асосии неъматҳои моддӣ ба ҳисоб рафта, рушди он баҳри пешрафти бахшҳои дигар заминаи мусоид фароҳам менамояд.

Маърӯзачиён мавзӯъҳои «Саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон – роҳҳои асосии таъмини рушди устувор», «Нақши технологияи иттилоотӣ дар рушди соҳаи саноати кишвар», «Ҳуҷҷатҳои стратегӣ, консепсия ва барномаҳои амалкунандаи соҳаи саноат ва натиҷаҳои татбиқи онҳо», «Саҳми соҳаи кишоварзӣ дар таъмини корхонаҳои коркард ва ашёи хоми ватанӣ» ва «Нақши комплекси энергетикии кишвар дар рушди соҳаи саноат ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ» - ро шарҳ дода, аз он нигаронӣ карданд, ки баъзе корхонаҳо аз рӯзи хусусӣ гардиданашон, то ҳол ба кор оғоз накарданд. Пас мақсад аз хусусигардонӣ чист? - суол гузоштанд ҳозирин.

- Набудани нуқтаҳои қабули пӯсту пашм, маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои деҳқонӣ ба қарз, сари вақт содирот накардани маҳсулоти кишоварзӣ мушкилоте мебошанд, ки саноатчиён ва кишоварзонро нигарон кардааст, - иброз намуд сардори Раёсати тадқиқоти масъалаҳои рушди соҳавии Маркази тадқиқоти стратегӣ Имомназари Каримиён.

Роҳбари дастгоҳи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Давлатов хеле бамаврид зикр кард, ки мақсад аз баргузории конференсияҳои илмӣ – амалӣ баёни андеша, ироаи пешниҳод, хулосабарорӣ ва тасмимгирист, на пешниҳоди ҳисоботи соҳа. Таваҷҷуҳи асосӣ дар конференсия ба он бояд зоҳир мешуд, ки чӣ кори назаррас кардем. - Умед дорем дар оянда маърӯзачиён мақсади баргузории конференсияро дарк мекунанд, - афзуд номбурда.

Воқеан, маърӯзаҳо бо истилоҳ забонзада буданд, онҳоро қаблан дар ҳамин макон зимни баргузории ҳамоиши дигар шунида будем.

**Х. МИРЗОЕВ,**
**«Садои мардум»**

# БО ЭҲСОСИ ВАТАНДӮСТӢ ҶАВОНОН ОБОД МЕКУНАНД

**Дар вилояти Суғд бо мақсади ҳар чӣ зудтар ба анҷом расонидани бартарафсозии оқибатҳои низоъҳои марзӣ ҳашар эълон шудааст, ки дар он одамони касбу кори гуногун, хоса сокинони маҳаллаҳои аз зарар эминмондаи шаҳри Исфара фаъолона иштирок мекунанд.**

Ба ҳашар ҷавонони ватандӯст, алалхусус, донишҷӯёни макотиби олии вилоят низ бо амри дилу виҷдон пайвастанд. Яке аз онҳо донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров мебошад.



- Рӯзи аввали эълон шудани ҳашар гурӯҳи ихтиёриён (волонтёрон) аз ҳисоби донишҷӯёни донишгоҳамон ба мо муроҷиат карда хоҳиш намуданд, ки барои ба шаҳри Исфара расидан нақлиёт ташкил кунем ва мо дархости онҳоро қонеъ кардем, - гуфт зимни суҳбат ректори донишгоҳ, доктори илмҳои таърих Усмонзода Аюб Ислом.

Инак, рӯзҳои шанбеву якшанбе 100 - 120 нафар донишҷӯён дар корҳои барқароркунии деҳаи Сомониёни шаҳри Исфара иштирок мекунанд.

Зимни суҳбат бо сарвари донишгоҳ ба мо маълум гардид, ки аз рӯзҳои аввали низоъ дар минтақаи сарҳадӣ бо мақсади дастгирии моддии сокинони маҳаллаҳои зарардидаи шаҳри Исфара аз ҳисоби ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров кумаки моддӣ – маҳсулоти хӯрокаи ниёзи аввал ба маблағи 60 ҳазор сомонӣ фиристода шудааст.

Ба маҳаллаи Сомониёни шаҳри Исфара омадем. Дар соли ҷорӣ маротибаи дуюм аз дасти ҳамсоя ин маҳалла ба вайрона табдил ёфтааст. Мудири шуъбаи сохтмони умумӣ ва меъмории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд Маъруф Муҳаммадзода оид ба ҷараёни корҳои барқароркунӣ чунин маълумот дод:

- Дар маҷмӯъ, дар муноқишаи марзии моҳи сентябр 90 ҳавлӣ дар деҳаи Сомониён, Чоркӯҳ ва Ворухи Исфара, ҳамчунин деҳоти «Хистеварз» ва «Овчиқалъача»-и ноҳияи ба номи Бобоҷон Ғафуров ба вайрона табдил ёфтаанд. Аз ин ҳисоб 50 ҳавлӣ қисман зарар дидааст. Як мактаб дар деҳаи Сомониён пурра валангор шудааст, ки он ҷо бинои нави мактаб хоҳем сохт. Корҳо дар ин самт аллакай оғоз шудаанд. Садҳо одамон дар ҳашари барқароркунӣ ширкат доранд, ки байнашон, албатта, сохтмончиёни касбӣ бисёранд.

Бисёр хуб аст, ки ҷавонон, хоса донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, дар корҳо ғайратмандӣ зоҳир мекунанд.

- Мо маротибаи сеюм аст, ки дар ҳашар иштирок мекунем, - гуфт дар суҳбат ба мо аъзои маҳфили сиёсии ҷавонони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд – «Мо пайравони Пешвои миллатем», донишҷӯи курси чоруми факултети геоэкология ва сайёҳӣ Мусавиршоҳ Азимов. - Мо - аъзои маҳфил аҳд кардем, ки дар ҳашари халқии барқароркунии оқибатҳои низоъҳои сарҳадӣ фаъолона иштирок намоем.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ,**
**«Садои мардум»**

# БУНЁДИ БИНОИ ИЛОВАГИИ МАКТАБ ДАР ЛЕВАКАНТ

**Бо маблағгузории Сафорати Япония дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди муассисаи таълимии №6-и деҳоти «Гулистон»-и шаҳри Левакант бинои иловагӣ иборат аз ҳашт синфхона сохта, ба истифода дода шуд. Зимни ифтитоҳи иншоот раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода ва сафири фавқулода ва мухтори Япония дар Тоҷикистон Тошиҳиро Аикӣ суханронӣ намуданд.**

Мудири бахши маорифи шаҳри Левакант Ниёзалӣ Ашӯрзода дар суҳбат бо мо иброз дошт, ки иншооти мазкур бо харҷи беш аз як миллион сомонӣ бунёд шуда, барои ба таълим фаро гирифтани 400 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст. Синфхонаҳои иловагӣ мутобиқ ба стандарти муосир сохта шуда, бо таҷҳизоти таълимӣ муҷаҳҳаз гардиданд.

Дар вазъияти хотирмон ҳамчун рамзи эҳтиром аз ҷониби раиси вилояти Хатлон ба сафири фавқулода ва мухтори Япония дар Тоҷикистон Тошиҳиро Аикӣ ҷиҳати ҳамкориҳои судманд сипоснома ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

# МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ҲУҚУҚИ ФАРМАСЕВТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**Дар ҳуқуқи фармасевтӣ яке аз масъалаҳо одоби касбии фармасевт буда, дарбаргирандаи ихтирои формулаи маводи доруворӣ, фаъолияти дорусозӣ дар ташкилотҳо ва фурӯши он дар дорухонаҳоро дар бар гирифта, дар ин давраҳо ба носаҳеҳӣ дучор шудан манъ аст.**

Маводи доруворӣ аз ҷониби ихтироъкори формулаи маводи доруворӣ иҷро гардида, ӯ дорои патент мегардад. Ба формулаи дорусозӣ дар ташкилотҳои тиҷоратии дорусозӣ ё ин ки дар муассисаҳои дорусозӣ маводи доруворӣ истеҳсол гардида, ба дохилу хориҷи кишварҳо содирот шуда, дар дорухонаҳо ба фурӯш гузошта мешавад. Шахси фурӯшанда ва роҳбари ташкилоти тиҷоратӣ бояд ҳатман дорои ҳуҷҷати фармасевтӣ бошад.

Дар ҳуқуқи фармасевтӣ донистани феҳристи маводи доруворӣ масъалаи асосӣ ба ҳисоб рафта, фармасевт ва табибон уҳдадоранд, ки ҳамеша оид ба ин масъала такмили дониш намоянд. Чунки феҳристи маводи доруворӣ зиёд буда, ҳамеша дар он навгониҳо ворид мегарданд. Муҳимияти феҳрист дар он мебошад, ки табиб ё фармасевт бартарии маводи доруворӣро аз дигараш дида, ба бемор пешниҳод намояд. Дар ин хусус фармасевт аз донистани бартарии хусусияти табобатӣ доштани маводи доруворӣ метавонад формулаи нави маводи доруворӣро ихтироъ намояд.

Ҳуқуқи фармасевтӣ танҳо харидуфурӯши маводи доруворӣ аз дорухонаҳо набуда, балки доираи васеи доштани ҳуқуқро дар бар мегирад. Аз ҷумла, доштани ҳуқуқи истисноӣ ба ному маводи доруворӣ, ихтирои формулаи кимиёвӣ ё биологии он ки бевосита ихтирокори дору ба он ҳуқуқ дорад, агар дар шартнома муқаррароти дигар танзим нашуда бошад. Моҳияти доштани ҳуқуқи истисноӣ ба маводи доруворӣ дар он аст, ки шахси формулаи маводи доруворӣро ихтироъ карда ҳуқуқи истисноӣ ба онро дорад.

Инчунин, ҳуқуқи фармасевтӣ як навъи хизматрасонии тиббӣ оид ба маводи доруворӣ мебошад. Мизоҷ арзиши маводи доруворӣро ба фармасевте, ки дар дорухона фаъолият дорад супорида, маводи дорувории дархосткардаашро харидорӣ карда, барои ҳифзи саломатӣ истифода мебарад. Надоштани арзиши маводи доруворӣ барои оилаҳои камбизоат, одамони бекор, бенавоён ва ғайра яке аз масъалаҳои асосии дастрас набудани маводи доруворӣ дар ҳуқуқи фармасевтӣ ба ҳисоб меравад, зеро табобат накардани саломатӣ сабаби марг, аз даст додани қобилияти меҳнатӣ ва ғайра шуда метавонад.

Дар илми тиб ва соҳаҳои он фаъолияти фармасевтӣ ҷои махсусро доро аст. Бинобар ин, табобат бо маводи доруворӣ иртибот дошта, ҳатто дар вақти ҷарроҳӣ кардан табибон аз маводи доруворӣ истифода мебаранд.

Доштани ҳуҷҷати фармасевтӣ барои машғул шудан ҳамчун шахси воқеӣ дар фаъолияти мазкур ҳатмӣ аст. Ин қоида ба он равона шудааст, ки танҳо шахси воқеии дорои ҳуҷҷати фармасевтӣ ба харидуфурӯши маводи доруворӣ ҳуқуқ дорад.

Иттилоот дар ҳуқуқи фармасевтӣ масъалаи муҳим ба ҳисоб рафта, маҳз бо воситаи он маълумот аз насл ба насл ба тариқи дар китобҳову маҷаллаҳо сабт гаштани он боқӣ мемонад. Дар телевизион пахш кардани рекламаи маводи доруворӣ як навъи расонидани иттилоот мебошад. Гирифтани патент барои ихтирои маводи доруворӣ дар мақоми давлатии патент ва иттилоот сабт гардида, барои дигар ихтирокорон маълумоти зарурӣ барои ихтирои нави маводи доруворӣ мебошад.

**Баҳрулло ҒАЮРЗОДА,**
**мутахассиси Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ИМЛО РИОЯ НАМЕШАВАД, МАНТИҚ НИЗ

**«Ҳангоми истифодаи забони давлатӣ риояи муқаррароти қоидаҳои имлои забони адабӣ ҳатмӣ мебошад».**
**(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 3, зербанди 6)**

Имло рукни асосии нигориш буда, онро як бахши махсуси забон - орфография ба низом медарорад. Набудани меъёри ягонаи имло ташвиши муҳаррирон,ноширон дар таҳриру тасҳеҳ, омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷикро дар таълим (санҷиши иншою диктант, тафтиши дафтар) зиёд гардонда, мушкилоти равониро ба бор меорад. Дарвоқеъ, ин мушкилотро касе эҳсос карда метавонад, ки ба он сарукор дорад. Он на танҳо омӯзгорон, ноширон, муҳаррирон, балки аҳли эҷодро низ нороҳат месозад. Мусаллам аст, ки қоидаҳои имлои забони тоҷикиро дар асоси алифбои кириллӣ таҳия ва муқаррар карда буданд ва хати кириллӣ ҳар як овоз, аломат ва ифодаи ҳарфӣ дошта, ба табиати забони тоҷикӣ нисбат ба хати арабӣ созгортар аст.

Рӯзномаю маҷаллаҳо сарчашмаи боэътимоди омӯзиши забони модарӣ ба шумор меравconfigured, вале риоя накардани имло дар онҳо роиҷ гаштааст. Бисёриҳо шакли нодурусти навишти калимаҳоро маҳз дар рӯзномаю маҷаллаҳо, шиору овезаҳо мехонанд, ки он дар зеҳн ба ҳамин минвол шакл мемонад.

Имло риоя намешавад, мантиқ чӣ? Ҳангоми сохтани воҳидҳои забон, аз ҷумла ибораю таркибҳо, ончунон эҳтиёткор бошем, ки иборахо маънои комили мантиқӣ пайдо кунанд. Хатоҳои мантиқӣ мазмуни лавҳа, шиору овезаҳоро мекоҳонанд:

Чаро Балҷувон – Бале ҷавон шуд? Аввалан, дар фарҳанги гузаштагони мо чунин тарзи номгузориҳо, ки аз ҳиссачаи тасдиқӣ ва исм номи маҳал гузорем, вуҷуд надорад. Дувум, ин «тадқиқот» маҳсули зеҳнии кадом забоншинос - этимолог аст, ки пайдоиши ин топонимро ба ин шакл муайян кардааст. Маълум, ки ин аз заъфи этимологии мост.

«Посуда аз Дубай, Туркия, Хитой». Мо бо сӯзу эҳтиром ба забони модарӣ мегӯем. Оё дар ин навиштаҷот эҳтиром ба забони тоҷикиро мебинед? Дар хазинаи луғавии забони тоҷикӣ калимаи хеле маъруфу серистеъмол «зарф» аст. Наход калимаи бегона ин мафҳуми зеборо аз истеъмол танг карда барорад. Ё ибораҳои амсоли «гулҳои зинда», «моҳи бирён», «Шаҳраки шифобахш», «барномаи ислоҳнигорӣ». Тасҳеҳ ислоҳ кардан аст, пас чаро «Барномаи тасҳеҳӣ» нагӯем? Ё худ, калимаи «олам» - ро маънои дигар бор кардем: «Олами чарх»-ҳо ва ё як ҷаҳон «олам» - и дигар. Қаблан, ин ифода дар як маврид «Олами китоб» истифода мешуд, ки тарҷумаи ибораи рехтаи русӣ аст ва як тобиши мантиқӣ дошт. Ин матлабҳои мантиқан хаторо мо ба сокинону тоҷикони берунмарзӣ беибо ташвиқ мекунем. Ақаллан, дар баъзе мавридҳо калимаи «толор» - ро истифода барем, мафҳумҳо – навиштаю овезаҳо бенуқсонтар мешуд: толори қолинҳо, толори пардаҳо, толори мизу курсӣ, толори чиниворихо...

Дар бораи орфография ва аломатҳои китобатӣ эроди омӯзгорон зиёд аст. Аломатҳои баён, тире ва дефис, қариб, ки рисолати худро гум кардаанд. Онҳоро олим як хел мегузорад, омӣ хели дигар. Аломати баён, ки идомаи баёни фикр аст, гоҳо ба як фикри том, яъне ду ҷумла табдил меёбад. Мисол, вақте нуқта гузоштем, ифодаи баёни фикри том тамом мешавад. Дар мавриди мазкур дар як рӯзнома аломати баён гузошта шавад, дар рӯзномаи дигар нуқта гузошта мешавад, ки ҳолати духӯрагиро ба миён меорад ва аломати баён рисолати худро гум мекунад.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011 «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ба тасвиб расид. Он ба ҳукми қонун даромадааст, вале то ҳол пурра риоя намешавад. Гуногуннависӣ дар матбуот ва нашриёт гувоҳи ин аст.

Аз алифбо бардоштани ҳарфҳо ва аломатҳои русиасоси китобатии ба забони мо бегона - щ, ы, ц, ь хондану навиштанро осон кард. Дар баробари ин, бояд бо таассуф қайд кард, ки қаблан қоидаҳои қабулшудаи имлои забони тоҷикӣ барои ҳама нашриёту нашрияҳо, таълимгоҳҳо ва таълимгарон якхела буд ва омӯзгорро низ раҳгум намекард.

Дар дигар кишварҳо нозукиҳои забонашонро ҳифз мекунанд, махсусан дар навишти номҳо, чунки ҳар як овоз ё ҳарф метавонад маънои луғавии калимаро дигар кунад. Онро дар дигар кишварҳо хуб риоя мекунанд. Масалан, Кирилл, Маршалл Ҷенс. Агар Маршаллро бе ташдид нависем, маънои луғавии ном дигар мешавад. Дар забони мо ҳам ин ҳолат хеле нозук аст: Масалан, ҳаммом - ҷои шустушӯи бадан, ҳамом - кабӯтар.

Ҳарчанд ки имло 6 маротиба таҳрир ёфт, то ҳанӯз ба таври комил мушаххас нашуд. Духӯрагиҳо ва «чаро» - ҳо бисёр шуд, ки дар рушди забон мушкилот эҷод карда, кори муҳаррирон ва ноширонро душвор мекунад.

Умед дорем, ки дар оянда меъёри имлои забони тоҷикӣ ҳамчун як ҷузъи фарҳанги байналмилалӣ ҳифз шуда, нуқсонҳои аз бетарафӣ, беаҳамиятию худсариҳо сарзада бартараф гардида, забони давлатии Тоҷикистон таровати тоза касб мекунад.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,**
**«Садои мардум»**

---

*«Дар замоне ки илму техника бо суръати кайҳонӣ пеш меравад, бе дониши замонавӣ, бе касбу ҳунарҳои муосир ва бе донистани забонҳои хориҷӣ зиндагӣ кардан бисёр душвор мегардад».*

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# АФРӮЗАНДАИ ЧАРОҒИ МАЪРИФАТ



**Муҳидулло Нуруллоев яке аз нахустин омӯзгорони забони англисӣ дар кишвар маҳсуб ёфта, то имрӯз, ки синнаш қариб ба 80 расидааст, баҳри забондонӣ ва васеъ намудани ҷаҳонбинии шогирдон ҳамарӯза талош меварзад.**

Шогирдони устод дар аксар озмунҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ бомуваффақият ширкат варзидаанд. Бархе аз онҳо имрӯз олимон, докторон ва номзадҳои илманд, ки боиси фахри устод мебошанд. Мақолаву дастурҳои М. Нуруллоев баҳри беҳтар намудани таълими забони хориҷӣ ва усулҳои таълим хонданбобу сармашқи кору фаъолияти омӯзгорони ҷавони ин забонанд. Барои меҳнати пуршараф ва хизматҳои шоёнаш устод бо нишони КМ ВЛКСМ «Ба комсомол – муаллими беҳтарин», ифтихорномаҳои Вазорати маорифи ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон қадр карда шудааст. 24 феврали соли 1985 аз округи интихоботии рақами 175 депутати Совети депутатҳои халқи вилояти Ленинобод даъвати 15-ум интихоб шуда, ҳамчун роҳбари сексияи комиссияи доимӣ оид ба маориф фаъолият кардааст.

Шавқу завқ ба донишандӯзӣ дар қалби Муҳидуллои наврас ҳанӯз аз айёми мактабхонӣ бедор гашта, азми аз худ намудани забони англисӣ ӯро ба донишгоҳи олӣ роҳнамун сохт. Дар факултети забонҳои хориҷии Институти педагогии шаҳри Хуҷанд (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) яке аз забонҳои асосии байналмилалӣ – англисиро омӯхта, соҳиби дипломи «аъло» гардид.

Ҷомеаи омӯзгорони мактаби рақами 16-и маркази ноҳия, ки ба қобилияти шогирди худ эътимод доштанд, ба кор омадани ӯро хуш пазируфтанд. Аз ибтидои фаъолият соҳибихтисоси ҷавон ҳам маҳорати дарсгузаронӣ, ҳам малакаи хуби ташкилотчигӣ зоҳир намуда, шоистаи боварии ҷомеаи меҳнатӣ гардид.

Банда низ шогирди ин устоди хирадманд ҳастам. Расо 45 сол қабл, пас аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 16-и ноҳияи Ғончӣ (ҳоло ноҳияи Деваштич) ба шаҳри Душанбе омада, ҳуҷҷатҳоямро ба шуъбаи забони форсии факултети шарқшиносии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) супоридам. Ба шуъбаи забони форсӣ беш аз 800 довталаб хоҳиши дохилшавӣ доштанду танҳо 25 нафар бояд дохил мешуд. Ҳамон солҳо ҳамчун озмоиш қоидае ҷорӣ шуда буд, ки агар довталаб аз ду фанни аввали имтиҳони қабулшавӣ - забони хориҷӣ ва забон ва адабиёти тоҷик (иншо) баҳои «аъло» гирад, аз супоридани ду имтиҳони дигар озод мешуд. Боварӣ доштам, ки ду имтиҳони аввалро бо сарбаландӣ месупорам. Зеро фанҳои забон ва адабиёти тоҷикро аз падарам, шодравон Пӯлодхон Маҳмудов – Муаллими хизматнишондодаи мактаби ҶШС Тоҷикистон омӯхтаам. Устоди забони англисиам Муҳидулло Нуруллоев буд.

Натиҷаи меҳнати пурсамари устод Муҳидулло Нуруллоев аст, ки бо ҳамон дониши аз устод гирифтаам, пас аз гузаштани солиёни зиёд, бо ҳукми тақдир дар МТМУ №№13 ва 40 - и ноҳия аз фанни забони англисӣ ба шогирдон дарс гуфтаам.

Муҳидулло Нуруллоев баъди даҳ соли фаъолияти босамар ба вазифаи сарвари мактаб таъин шуд. Роҳбарии дабистонро замоне ба зимма гирифт, ки душвориҳои солҳои аввали истиқлолият дар қатори ҳамаи соҳаҳо маорифро низ домангир гашта буд.

Ҷиҳати рафъи ҳамаи ин норасоиҳо дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва шуъбаи маориф ба қобилияти устод эътимод доштанд ва роҳбари навтаъин бо суботкории ба худ хос дар ҳалли масъалаҳои пешомада муваффақ гашт. Пасон аз пайи ободонии биною майдонҳои мактаб кӯшиш намуд. Дар дабистон, ки номи яке аз бунёдгузорони мактаб, сарвари ҳизбии он давр Аҳмадҷон Шарофовро гирифтааст, барои аълохонҳо стипендияи ба номи А. Шарофов таъсис ёфт. Таи 20 соле, ки Муҳидулло Нуруллоев вазифаи директори МТМУ №16-и маркази ноҳияро бар уҳда дошт, он ба яке аз муассисаҳои беҳтарини таълимӣ дар вилоят табдил ёфт.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баробари забони модарӣ донистани забонҳои дигарро шарти маърифатнокии насли созанда арзёбӣ намудаанд. Ин дастуру ҳидояти Роҳбари давлат боиси он гардидааст, ки имрӯз чандин шогирдон бо ҳарфи аввали забони англисӣ аз машғулиятҳои М. Нуруллоев шинос шуда, мисли Роҳат Абдуазизова, Гулбаҳор Аъзамова, Муборак Муҳиддинова, Мавлуда Бобокалонова, Шаҳодат Норбоева, Мустабшира Садриддинова, Моҳира Маҳмудова (марҳум) ҳамчун омӯзгорони беҳтарини забони хориҷӣ дар ноҳия ва берун аз он ном баровардаанд.

Баъд аз 9 соли дар нафақа будан Муҳидулло Нуруллоевро аз нав сарвари мактаб таъин карданд. Бо бозгашти устод нишондодҳои донишомӯзӣ ба сатҳи баландтар баромад. Аз ҷумла, хонандагон Сабрина Ахмедова, Нозанин Ҳоҷиева, Шоҳсанам Зокирова, Фархунда Ғайбуллоева, Райҳона Неъматова гирандаи стипендияи президентӣ мебошанд. Хонандагони мактаб дар озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат», «Атласу адрас» ва «Техникони ҷавон» иштироки фаъолона доранд. Якчанд хонандаи мактаб, ғолибони даври ноҳиявии озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» гашта, дар даври вилоятӣ шарафи фарҳангчиёни ноҳияро ба таври сазовор ҳимоя намуданд.

Устод мактабро хонаи якуми худ меҳисобад ва ин бесабаб нест.

- Дар мактаб бахти худро ёфтам, - дар ҷашни 75 - солагиаш ин сирро ошкор намуд устод, - оиладор шудаму хона надоштем. Соли чорум ё панҷуми кору оиладориам сохтмони хонаро сар кардем. Аз ин рӯ, мактаб хонаи якуми ман аст...

Ҳоло ҳам рӯзҳои истироҳату рухсатӣ низ устодро дар таълимгоҳ пайдо кардан мумкин аст.

Ривоятест, ки вақте муаллим ба дунё омад, сари гаҳворааш се фаришта ҳозир шуданд. Фариштаи аввал гуфт:

